# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба кори диссертатсионии докторанти шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Носиров Саъдулло Шукулоевич дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

1. Дар шароити дигаргуниҳои азими дар соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ маҳз таҳсилот имкони мутобиқшавӣ ба шаклҳои нави ҳаётро фароҳам ва дархости иҷтимоии ҷомеаи навинро таъмин месозад. Гузашта аз ин, пешрафти босуръати илму техника ва раванди рӯзафзуни ҷаҳонишавӣ дар ҷомеаи муосир дигаргуниҳои назаррасро дар пай дорад, ки бидуни баланд бардоштани сифати таҳсилот ба дастовардҳои назаррас ноил гардидан имконнопазир аст. Барои ин, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дигар зинаҳои таҳсилот ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон бояд ба яке аз масъалаҳои калидӣ табдил ёбад.

Масъалаи ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон фавқулода мураккаб ва серпаҳлу буда, ҳалли он рафъи омилҳои зиёдро тақозо менамояд. Танҳо зимни омӯзиши як ё ду фанни таълимӣ ҳал намудани он ғайриимкон мебошад. Мубрам будани масъалаи мазкурро ба инобат гирифта унвонҷу Носиров Саъдулло Шукулоевич ба сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ мавзуи «Асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон»-ро интихоб намудааст.

Унвонҷӯ маҳз масъалаи назариявию дидактикии ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоиро дар заминаи фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ дар шароити замони нав мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки натиҷаҳои он ҷиҳати татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим, баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот ва самаранокии он, маҳорати касбии омӯзгорон, зарфияту қобилиятҳои эҷодии хонандагон ва ниҳоят, ба ҷомеаи пешрафтаи навин пешкаш намудани инсон ва шаҳрванди ҳамаҷонибаи инкишофётаи давронсоз мусоидат мекунад. Бо ёрии шаклу методҳои нави таълим мунтазам зеҳни хонандагон, тафаккур ва қобилияти эҷодӣ, ҳамзамон, донишҳои ҷамъбастӣ ва ҷаҳонбинии илмии ба мавқеи мубрами ҳаёти онҳо нигаронидашударо бояд ташаккул дод.

Диссертатсияи Носиров Саъдулло Шукулоевич мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, иҷро карда шудааст. Кори диссертатсионӣ дар шуъбаи педагогика, психология ва методикаи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Хулосаи шурои ҷаласаи васеи шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 16 сентябри соли 2024, № 09).

Дар хулосаи шуъба ба диссертатсия баҳои воқеию ҳаматарафа ва мусбат дода шудааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021 года, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили методологӣ ва назариявии ҳолати имрӯзаи таълим анҷом дода шуда, ғояҳои педагогӣ-психологӣ, дидактикӣ, ки ба ҳалли проблемаи азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон нигаронида шудаанд, ошкор гардидаанд. Амсилаи татбиқи ташаккули дониш, маҳорат, малакаҳои зеҳнии хонандагон дар раванди таълими фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ таҳия ва пешниҳод шудааст, ки ба ҳалли вазифаҳои таълим ва самаранокии он мусоидат мекунад.

Роҳу воситаҳои ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон ва ҷамъбасту мураттабсозии онҳо зимни таълими силсилафанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ, аз ҷумла фанҳои забону адабиёти тоҷик, таърих ва ҳуқуқи инсон муайян гардиданд.

Муассирӣ ва аҳамиятнокии намудҳои таълим, шаклҳои гуногуни ташкили таълим, методҳои наву фаъоли таълим, фаъолияти мустақилонаи хонанда, дар ҷамъбасту мураттабсозии донишҳо аз рӯйи проблемаҳои меҳварии фанни таълимӣ дар амалияи таълим собит карда шуд.

Тавсияҳои илмию методӣ ва дастуру раҳнамои таҳия ва пешниҳодшуда дар ғанӣ гардонидани тасаввурот ва васеъ гардонидани доираи назару ақидаҳо, ҷаҳонбинии илмӣ, донишҳои педагогию психологӣ ва дидактикию методии омӯзгорон, муҳаққиқон, аспирантону магистрантон ва унвонҷӯён роҷеъ ба масъалаи мавриди назар метавонад нақши муассир гузорад.

3. Мавзуъ ва мухтавои диссертатсияи Носиров Саъдулло Шукулоевич «Асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон» ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла ба *банди 3* – «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот;), *банди 4* – «Назария ва консепсияи таълим» (қонуниятҳо, принсипҳои таълими бачагон дар давраҳои гуногуни бавоярасии онҳо; навъҳо ва амсилаҳои таълим, ҳудудҳои истифодаи онҳо; вижагиҳои таълим дар сатҳҳои мухталифи таҳсилот), ҳамчунин, ба Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дараҷаи илмӣ дода мешавад (қарори Раёсати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2017, №5/2), мутобиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар ҷаласаҳои шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баррасӣ шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот инчунин дар конференсияҳои илмӣ-амалии донишгоҳӣ ва сатҳи ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ, маърӯзаҳо дар ҷаласаҳои шуроҳои илмӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳои илмӣ-методии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ироа гардидаанд.

Кори илмӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, дар 63 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 3 номгӯй монографияи илмӣ, 4 номгӯй воситаи таълимию дастурҳои илмӣ-методӣ, 20 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 36 мақолаю маърӯза дар маҷмуаҳои маводи конференсияҳои илмии байналмилалӣ ва нашрияҳои педагогии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ба талаботи банди 34 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

5. Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

Ҳангоми ташхиси диссертатсия баъзе камбудиҳо ошкор карда шуд, ки онҳоро унвонҷӯ бартараф намуд.

6. Диссертатсия ба талаботи банди 53-и Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз

30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шудааст.

7. Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиниро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертӣ тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсияи Носиров Саъдулло Шукулоевич дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон» барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати **муассисаи пешбар:**

– Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ;

в) ба сифати **муқарризони расмӣ:**

– Холназаров Санг – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии МДТ Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

– Сабурӣ Хайрулло Мирзозода доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров;

– Мухаметов Гапур Бабаевич – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забони русӣ барои факултетҳоии гайри русии МДТ Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъин карда шаванд.

8. Барои муайян намудани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

9. Нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор — Каримова И.Х.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор — М. Лутфуллозода

доктори илмҳои педагогӣ — И. Давлатшоев

26.02.2025

«*Имзои, И.Х. Каримова, М. Лутфуллозода ва И. Давлатшоевро тасдиқ мекунам*»

Нозири кадрҳои ва коргузории АТТ — М. Саидова

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ